# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Оғози асри ХХ яке аз марҳалаҳои ҳассос ва пурбаҳсу пурихтилофест, ки ҳам аз назари шинохти таърихи адабиёт ва ҳам аз назари накди адабӣ ҳанӯз муаммоҳои зиёдеро дар умқ нуҳуфтааст ва, албатта, кӯшишҳое барои шинохти ин давраи таърихии адабиёт то имрӯз сурат гирифтаанд ва хидматҳои аҳли илмро низ дар ин росто бояд таҳсин гуфт, ки бо талошҳои мӯшикофона тавонистаанд, ки дар ин самти таҳқиқот аз иқдомоти шоистае кор гиранд, вале, ба ҳар ҳол доманаи афкор дар ин замина то ҷойе номуайн ва нокушода мондааст.

Албатта, Бахтиёр Абдураҳимов низ аз зумраи чунин муҳаққиқони муваффақ аст, ки бо дарназардошти **«Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри ХХ»** номгузорӣ намудани рисолаи доктории хеш ба мавзуъҳои мубрами адабиёт ва матбуоти оғози садаи ХХ, бахусус, бахшҳои нокушода ва ба таҳқиқ нарасидаи он, бо назари дақиқи илмӣ дахл намуда, ин давраи ниҳоят муҳимми таърихиро, ки ба бедориву худшиносии миллӣ ва як марҳилаи пуртазод, аммо рушд ва таҳаввули матбуот ва адабиёти навини тоҷик нақши созгор дорад, аз масоили бағоят зарури ниёзманд ба пажуҳишҳои тозаи илмӣ маҳсуб донистааст.

Муҳтавои диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисосҳои илмии **10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** комилан мувофиқат менамояд.

Муаллифи рисола бо такя ба сарчашмаҳои пайдоиши нашрияҳои нахустини тоҷикӣ дар оғози асри бист, осори муҳаққиқони илмҳои филология, журналистика, таърих, ҷамъиятшиносӣ, ки дар иртибот ба ин давраи таҳаввулоти адабиёт, матбуот, воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давр, ба вуҷуд омадани аввалин воситаҳои ахбор, матбаа, ташаккули маориф ва ба миён омадани қишри зиёи тоҷикро, ки дар мақолот ва китобҳои алоҳидаи таҳқиқоти зиёд анҷом дода, дар онҳо танҳо масъалаҳои дахлдори соҳаи журналистикаро мавриди омӯзиш гирифта, матолиби адабиро аз назар дур гузоштаанд, бо ақидаҳои таҳқиқӣ ва таҳлилгар мавриди эътибор қарор дода, дар зимн бештар бо коргирифтан аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва осори як зумра муаллифон, аз ҷумла, устод С. Айнӣ, А. Муҳиддинов, С.Табаров, М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, Н.Салимӣ, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов, М. Раҷабӣ, М. Имомзода, А. Набавӣ, И. Усмонов, И. Умняков, П. Гулмуродзода, Қ. Шарифзода, В. Самад, Н. Ғаффоров, Г. Дадобоева, А.Азимов, М. Рустамзода, О. Салимзода ва, беш аз ин бо таваҷҷуҳ ба мақолоти дар рӯзномаву маҷаллаҳои дар ин давраҳои муҳимми таърихӣ батабърасида ва дигар маъхазҳои илмӣ, барои ҳалли масоили ҷойдошта қадамҳои борвар гирифта ва натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардааст.

Чунон ки бармеояд, таърихи матбуот ва адабиётшиносӣ ва бахусус, масъалаи муайян кардани заминаҳои аслии шаклгирии накди адабӣ ва назари интиқодии маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, равиши таҳқиқ ва накди адабиёт дар аввали садаи XX, кор гирифтан аз тазкираҳо, барои муайян карда тавонистани ҷойгоҳи адабиёт, матбуот ва маҳофили адабии ин давр аз масоили мубрам, вале доманадоре ба шумор меравconfigured, ки ба таҳқиқи ҷиддӣ ниёзманд мебошанд.

Диссертант Абдураҳимов Бахтиёр дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, ба таҳқиқи масоили ҷойдоштаи матбуот ва адабиёт ва беш аз ин ба як давраи муайяни таҳаввулот дар худшиносии миллии мардуми тоҷик ва

масъалаҳои ташаккули афкори адабии нимаи аввали садаи XX пардохтааст. Аз ҷумла, муаллиф муҳимтарин масоили шаклгирии матбуот ва таҳаввули фикри бадеиву иҷтимоӣ дар адабиёти ин давраи пурихтилоф ва тақдирсози мардуми тоҷикро дар рисолаи мазкур ба унвони проблемаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷанбаҳои номуайян ва то кунун баррасӣ нагардидаи онро рӯнамоӣ кардааст ва, чунон ки аз муҳтавои рисола бармеояд, ҳадафҳои илмиву тадқиқотии муаллиф дар он ҳалли худро ёфта ва хеле хуб натиҷагирӣ шудаанд.

**Аҳаммият ва арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқоти** Абдураҳимов Б.А. дар мавзуи "Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX", пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии онро метавон дар таҳияи дастур ва барномаҳои таълимию курсҳои алоҳидаи лексия ва гузарондани дарсҳои амалӣ оид ба ташаккули адабиёти навини тоҷик ва журналистика, таърихи адабиёт, таърихи журналистика дар факултетҳои журналистика ва филологияи тоҷики муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кард.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, ҳамчунин, дар он аст, ки мазмуни асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар ташкили курсҳои нав, монанди «Муносибати адабиёт ва матбуот», «Инъикоси адабиёт дар саҳифаҳои нашрияҳо», «Ҷойгоҳи адабиёт дар матбуот» ва ғайра дар факултетҳои филология ва журналистика метавонад истифода шавад. Дар асоси таҳқиқи мазкур истифодаи матолиби бадеӣ дар нашрияҳои тоҷикӣ барои иҷрои ҳадафҳои касбии худ чун тарғибу ташвиқ ва иттилоърасонӣ ба чаҳорчӯбаи муайян даромада, он ҳамчун дастур истифода шуда метавонад.

Масъалаҳо ва конскепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти

истифодашуда иборат аст ва андозаву мундаричаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Рисола мутобиқи накша ва бандубаст дуруст ва бо риояи пайдарпайии мантиқӣ матраҳ гардида, дар таълифи он тамоми талабот ва меъёрҳои илмии замон ба инобат гирифта шудаанд.

Агар муаллифи рисола дар боби аввал ба таҳқиқи заминаҳои пайдоиши нашрияҳои нахустини тоҷикӣ ва ҳадафи нашри осори бадеӣ дар онҳо, таъсиргузории адабиёти бадеӣ ба матбуоти тоҷик ва шакл, услуб, ҷараён ва жанрҳои асарҳои бадеӣ дар нашрияҳои аввалини тоҷикӣ даст зада бошад, дар боби дуввум ба хусусиятҳои жанрии асарҳои бадеии чопшуда дар «Бухорои шариф» ва «Оина» ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо, махсусиятҳои ашъори иҷтимоӣ ва навоварона дар матбуоти аввалини тоҷикӣ, баррасии махсусиятҳои жанрҳои гуногуни насри бадеӣ: эссе, шеъри мансур, сафарнома, суҳбат, саҳнача, намоишнома дар матбуоти аввалини тоҷикӣ, тарҷумаҳои нахустини бадеӣ ва сатҳи сифати онҳо, саҳми «Бухорои шариф» ва «Оина» дар баррасӣ ва инъикоси масъалаҳои забон ва забони адабии тоҷик ва омӯзиши забонҳо, инчунин, инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар публитсистикаи бадеии «Бухорои шариф» ва «Оина», бо дарназардошти таҳлили самтҳои афкори сиёсӣ ва миллию ватандӯстӣ, маориф, иқтисод ва мустақилияти иқтисодӣ дар он, хеле бамавқеъ мавриди тадқиқот қарор додааст.

Муаллифи рисола, дар боби се, хусусиятҳои бадеию публитсистии матбуоти даврони навинро дар иртибот ба фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» шуруъ намуда, дар фаслҳои баъдӣ дар робита ба «Тозиёна» – аввалин гӯшаи ҳаҷвию танқидӣ дар матбуот, инъикоси сиёсӣ ва иҷтимоӣ тавассути асарҳои хусусияти бадеӣ дошта дар «Шуълаи инқилоб», публитсистикаи бадеӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар «Шуълаи инқилоб»-ро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода, дар боби чаҳор ба таҳқиқи мавзуи мақоми матбуоти нахустини соҳаи маориф дар шаклгирии адабиёт мепардозад. Дар зимн ба масоили мубрами соҳаи матбуот дар мавзуъҳои «Дониш ва омӯзгор» – тарғибгари аввалини

адабиёти навини тоҷик, «Раҳбари дониш» – минбари худшиносии миллӣ, махсусиятҳои асарҳои бадеӣ дар гӯшаву қисматҳои адабии маҷалла, хусусиятҳои жанри ҳикоя дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ва таъсирпазирии он аз повести устод Айнӣ «Одина», аввалин намунаҳои нақди адабӣ дар матбуоти даврӣ ва муҳимтар бар ин ҳама дар мавриди мунозираҳо перомуни масъалаҳои алифбои нави тоҷикӣ ва забони адабии тоҷик дар маҷалла, бештар аҳаммият дода, барои ба анҷом расонидани кори илмии хеш асосҳои муътамад дарёфт намуда, дар ҷамъбасти он ба муваффақият ноил гардидааст.

Рисола бо густурдагии матолиб ва фаровонии далелҳои илмӣ дар робита ба маводи мунташира дар матбуоти давр амсоли «Бухорои шариф», «Овози тоҷик», «Оина», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», инчунин, номаҳои адибон ва ёддоштҳои батабърасида хеле пурбор гардида, муаллиф саъй кардааст, ки хонандаро ба умқи масъала, барои пайдо кардани тобишҳои нави маъноӣ ва матлабҳои то ин дам аз зеҳнҳо дур монда роҳ намояд ва ӯро дар маврид ба таҳқиқ ва таҳлилу баррасиҳои мувофиқи мақсад иттилоъ диҳад.

Дар робита, ҳамчунон қайд бояд кард, ки дар ин муддат ба нашр расидани **1 номгӯй монография, 25 мақолаи илмӣ-таҳқиқотӣ, ки аз ин теъдод 16 номгӯйи он** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Рисолаи доктории Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи «**Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри ХХ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи назария**
**ва таърихи адабиёти ДБЗХТ**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Салими Хатлонӣ**

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, к. Муҳаммадиев, 36/21.
Телефон: (+992) 88 - 300 - 11 – 54.
E-mail: s_khatloni@mail.ru

**Имзои Салими Хатлониро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** **Халифаев Ф.Н.**

**Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода**
**Тел.: +992 372325000; факс: +992 372325003; сомона: www.dbz.tj**

«09» январи соли 2025.